**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ "ДДФСТ ба номи М. Турсунзода" Муъминҷонов Зулфиддин ба диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи "Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии "Тоҷикистон" ва "Ҷаҳоннамо")" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ**

Бо рушди кайҳонии технологияи иттилоотӣ дигаргуниҳо дар хабаррасонӣ пайдо гардиданд. Бо пайдоиши Интернет бахусус дигаргуниҳои ҷиддӣ дар фаъолияти воситаҳои электронии ахбори омма ба миён омаданд. Дар байни воситаҳои ахбори омма барои сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон телевизион дастрастарин воситаи иттилоот ба шумор меравад. Имрӯз хонадонеро дарёфт намудан душвор аст, ки барномаҳои телевизиониро тамошо намекарда бошад. Шабакаи телевизионӣ ба яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоърасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафи шабакаҳои телевизионҳои ватанӣ зиёд гардиданд. Баробари телевизионҳои ватанӣ имкони тамошои шабакаҳои телевизионии мамлакатҳои хориҷӣ ба миён омаданд. Бо ин сабаб кормандони шабакаҳои телевизионии ватанӣ ба сифати барномасозии хеш бештар аҳамият медодагӣ шуданд. Зеро бинанда имкони интихоби барномаҳои касбиро ба даст овард. Дар ин ҷараён барномаҳои иттилоотӣ, ки аз навигариҳои муҳими ҷумҳурӣ ва ҷаҳон бо истифода аз жанрҳои хабарӣ, махсусан жанри репортаж таҳия мегарданд, зиёдтар диққати бинандагонро ба худ ҷалб менамоянд. Аммо дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи жанри репортаж ангуштшумор ба назар мерасад. Дар ин вазъ ба пажӯҳиш кашидани мавзуи мавқеи жанри репортаж дар телевизионҳои Тоҷикистон тариқи рисолаи диссертатсионӣ аз тарафи диссертант Мулоева Нишона Сангмадовна хеле саривақтӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мулоева Нишона Сангмадовна ба мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар мисоли телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо” бахшида шудааст. Навгонии ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки ин мавзуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи рисолаи диссертатсионӣ бори аввал таҳқиқи илмӣ карда мешавад. Диссертант Мулоева Н.С. дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, бори аввал мавқеи жанри репортажро дар барномаҳои иттилоотии телевизиони тоҷик муайян кардааст. Нуктаи дигари навгонии таҳқиқ дар он аст, ки нахустин маротиба нақши жанри репортажи мустақими телевизионӣ аз ҷойи рӯйдоди муҳим бобати рангоранг ва тамошобобу касбиёна таҳия намудани маводи иттилоотӣ дар барномаҳои хабарии телевизион тавзеҳ ёфта, ҳамчунин роҳҳои ба ин кор ноил гардидан муайян карда шудааст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Мулоева Н.С. дар мавзуи “Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо”)” пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма дар таҳқиқи журналистикаи телевизион ба таври васеъ истифода шавад. Ҳамзамон хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологӣ дар пажӯҳиши журналистикаи телевизион ва корҳои эҷодии журналистон аз тарафи таҳқиқгарони минбаъда ба кор бурда шавад.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии пажӯҳиш, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари иттилоърасонии журналистони барномаҳои хабарии телевизион ва муаррифии истифодаи касбиёнаи жанри репортажи телевизионӣ ба сифати сарчашмаи илмӣ, матни лексияҳо дар самти шинохти мавқеи жанри репортаж дар журналистикаи телевизион мавриди васеи истифода қарор гирад.

Масъалаҳо ва консенсияҳои илмии дар рисолаи диссертатсионии барои ҳимоя пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Ин нукта дар он дида мешавад, ки диссертант такя ба асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷии соҳаи воситаҳои ахбори омма ва таҳлили корҳои амалӣ, яъне репортажҳои барномаҳои иттилоотии "Ахбор"-и телевизиони "Тоҷикистон" ва "Хабар"-и телевизиони "Ҷаҳоннамо" ба хулосаи дурусти илмӣ меояд, ки мавқеи жанри асосии гурӯҳи жанрҳои иттилоотӣ, репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони тоҷик ноустувор, истифодаи он ангуштшумор ва махсусан истифодаи шакли мустақими он аз ҷойи рӯйдодҳои муҳим хеле кам ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ истифодаи касбиёнаи жанри репортаж, махсусан шакли мустақими он аз ҷойи рӯйдодҳои муҳими рӯз метавонад, боиси мустаҳкам шудани мавқеи жанри репортаж ва бо ин рангорангу тамошобоб ва касбиву мақбули бинандагон гардидани барномаҳои иттилоотии телевизион гардад.

Рисолаи диссертатсионии мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербобҳои мантиқан мураттабу пайдарпай, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст, ки мундариҷаву муҳтавои он ба талаботи илмии рисолаи диссертатсионӣ ҷавобгӯй мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи пажӯҳиш, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навгониҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ, асосҳои методологии пажӯҳиш ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод гардиданд муайян кардашуда, заминаҳои асосии мавзуъ дар робита ба манбаъҳои илмӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки "Истифодаи жанрҳои иттилоотӣ дар барномаҳои хабарии телевизион" унвон дорад ва аз се фасл иборат мебошад. Диссертант дар он хусусиятҳои хоси гурӯҳи жанрҳои иттилоотии телевизион, масъалаҳои риояи талаботи жанрии он ва махсусияти барномаҳои хабарӣ дар инъикоси рӯйдодҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро ба

таҳқиқ кашидааст. Дар фасли якуми боби якум “Махсусияти гурӯҳи жанрҳои иттилоотии телевизион” бештар ба жанрҳои иттилоотӣ дар барномаҳои хабарии телевизион  таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Фасли дуюми боби якум  “Риояи талаботи жанрӣ дар истифодаи жанрҳои иттилоотӣ дар шабакаҳои телевизион” истифодаи жанрҳои иттилоотӣ ва риояи талаботи жанрӣ таҳқиқ шудаанд. Дар фасли сеюми боби якум “Барномаҳои иттилоотӣ инъикосгари рӯйдодҳои муҳими ҳаёти ҷомеа” масъалаҳои барномаҳои иттилоотӣ ҳамчун инъикосгари рӯйдодҳои муҳими ҳаёти ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ низ аз се зербоб иборат буда, “Истифодаи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо”” ном дорад. Дар он таҳлили вижагиҳои жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳонннамо”, репортажи мустақими телевизионӣ, мавқеи он ва махсусиятҳои хоси барномаҳои иттилоотии “Ахбор”- и телевизиони “Тоҷикистон” ва  “Хабар”- и телевизиони “Ҷаҳоннамо” баррасӣ гардидааст. Инчунин дар ин боб диссертант махсусият, нақш ва мавқеи жанри репортажи телевизиониро дар телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо” бо таҳлили намунаҳои жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотӣ ба таҳқиқи илмӣ кашида, мавқеъ, махсусиятҳои жанрӣ, предмети инъикос, сохтор, услуби баёни онро муайян намудааст. Дар фасли якуми боби дуюм “Нақши жанри репортаж дар рангорангии барномаҳои иттилоотии телевизион” нақши жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотӣ ва рангоранг гардонидани он таҳқиқ шудааст. Дар фасли дуюми боби дуюм “Мавқеи репортажи мустақим аз ҷойи воқеа” намуди репортажи мустақим аз ҷойи рӯйдоди муҳим ба пажӯҳиш кашида шудааст. Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои хоси барномаҳои иттилооти “Ахбор” ва “Хабар” дар  телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо”” ба таҳқиқи махсусиятҳои хоси барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии “Тоҷик-

истон” ва “Ҷаҳоннамо” бахшида шудааст. Диссертант баъди таҳқиқи ҳаматарафаи илмӣ ба хулосае омадаст, ки жанри репортаж хеле кам дар барномаҳои иттилоотӣ истифода шуда, махсусан репортажи мустақим, ки барномаи иттилоотиро хеле ҷолиб ва рангоранг менамояд қариб, ки истифода бурда нашудааст. Чунин вазъ агар аз як тараф натиҷаи то чи андоза касбият доштани журналистони шабакаҳои телевизиониро нишон диҳад, аз тарафи дигар натиҷаи нақду баррасӣ нагардидани барномаҳои иттилоотӣ дар доираҳои пажӯҳиши илмию амалӣ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи “Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо”)” таҳқиқоти илмии ба талабот ҷавобгӯ буда, автореферат ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида мазмуни диссертатсияро пурра ифода карда, ҷавобгӯ ба талабот дар ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои филология,**
**профессори кафедраи журналистикаи**
**телевизион ва радиошунавонии МДТ**
**“ДДФСТ ба номи М. Турсунзода” Муъминҷонов З.**

**Имзои Муъминҷонов Зулфиддинро**
**тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳои**
**МДТ “ДДФСТ ба номи М. Турсунзода” Ҳамидова З. Ҳ.**
**20 ноябри соли 2023**

Суроға: 734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 73а.
Тел.: (+992 37) 231- 45- 45
Сомонаи расмӣ: www.ddst.tj
E-mail: tajartins@yandex.com.